Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100
назди Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(734055, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилӣ – методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович яке аз мавзуҳои мубрам ба ҳисоб рафта, дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёт, авҷгирии рақобат ва мураккаб гардидани муносибатҳои молиявӣ ширкатҳо бештар ба хавфу хатарҳои молиявӣ дучор мегарданд. Чунин шароити муносибатҳои бозорӣ зарурати такмили назорат дар идоракунии субъектҳои бозориро ба миён оварда, таҷдиди фишангҳои асосии идоракунии фаъолияти онҳоро талаб менамоянд.

Таҳқиқи мавзуи мазкур ба масъалае бахшида шудааст, ки дар шароити рушди иқтисодиёти муосир ва густариши фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ аҳамияти назариявӣ ва амалиро доро мебошад. Баланд бардоштани сифати идоракунии молиявӣ, таъмини шафофияти фаъолият дар ширкатҳо ва самаранокии назорати дохилӣ ҳолатҳое мебошанд,ки ба такмили низоми аудити дохилӣ ниёз дорад.

Муаллиф ҳангоми таҳқиқ усулҳои ҷамъбасткунӣ, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалиро дар ташкили механизм ва технологияи гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян сохтааст.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври муфассал баён гардидаанд. Муаллиф кушиш намудааст, ки асосҳои назариявӣ ва методии гузаронидани анҷишҳои аудитории ширкатҳоро таҳлил намуда, самарнокии

фаъолияти онҳоро дар рафти кори ширкатҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот аз коркарди асосҳои назариявӣ, тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба рушди низоми аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сифатан боло бардоштани хизматрасониҳои аудиторӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ, такмил додани асосҳои назариявӣ ва методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ, муайян ва мушаххас намудани усулҳои гузаронидани аудити дохилӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, таҳлил ва мушаххас намудан омилҳои таъсиррасон ба сифати хизматрасониҳои аудиторӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои бадастомада метавонад дар рафти фаъолияти кории ширкатҳои аудиторӣ истифода гардад. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок гардида, инъикосгари пурраи мазмун ва моҳияти таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодгардида дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, метавонанд бо мақсади такмили самаранокии гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ дар ширкатҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода гарданд. Дар баробари афзалиятҳо ва дастовардҳои илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо хусусияти тавсиявӣ дошта ба манфиати кор мебошад:

1. Дар таҳқиқот таҷрибаи байналмилалии ташкили аудити дохилӣ баррасӣ шудааст, вале муқоисаи муфассали таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи сайёҳӣ бо шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имконияти татбиқи онҳо пурратар инъикос нагардидааст.

2. Дар автореферат масъалаҳои рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои муосир (Artificial Intelligence, Blockchain, Big Data) зикр шудаанд, аммо ҷанбаҳои амалӣ ва тартиби татбиқи онҳо дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал кушода нашудаанд.

Бо вуҷуди ин мулоҳизаҳои дорои хусусияти тавсиявӣ, онҳо арзиши илмии таҳқиқоти анҷомдодашударо кам намекунанд ва бештар ба такмили минбаъдаи корҳои илмии муаллиф равона гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсия дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилӣ – методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ» ба талаботи муқаррааргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои илмии муҳимму асоснокро дар бар мегирад. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит мебошад.

Муқарриз:

**н.и.и., муаллими калони кафедраи**
**баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ** **Ҳукматов Д.Ҷ.**

Имзои н.и.и., муаллими калони кафедраи
баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ **Ҳукматов Д.Ҷ.**-ро тасдиқ мекунам,

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Мирҷамолов М.А.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроға: 734061 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14
Телефон: (+992) 919111164
09. 07. 2026